# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Парвизи Ҳотам дар мавзуи «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо

Дар натиҷаи омӯзиши кори диссертатсионӣ ва автореферати Павизи Ҳотам чунин хулосаҳо пешниҳод мешавад:

Диссертатсия аз 3 боб – муқаддима, тавсифи умумии кор, натиҷаҳои тадқиқот ва хулосаҳо дар ҳаҷми 117 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шудааст, аз он ҷумла 13 расм, 28 ҷадвал ва рӯйхати адабиёт аз 146 адад, иборат мебошад. Инчунин ба таври мушаххас харитаҳои пурарзиш ба даст овардашуда ба воситаи технологияи муосири ГИС дар 41 саҳифа ҳамчун замима пешниҳод карда шудаанд, ки ин маводҳои саҳрой илман асоснокшуда мебошанд.

Муқаддима оид ба асосноккунӣ ва омӯзиши мавзӯъ равона шудааст. Муайян намудани зарфият барои аз худ намудани заминҳои бекорхобидаи доманакӯҳӣ бо назардошти обёрӣ намудан ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо, бо истифода аз системаи муосири геоиттилоотӣ, яъне ГИС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои мухими актуалӣ ҳисобида мешавад. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар асоси чунин технологияҳои инноватсионии илмӣ муайян намудани ҳолати имрӯзаи соҳаи кишоварзӣ барои пешгӯи намудани зарфияти захираи заминҳои корами обӣ ва нишебиҳои нафақат водии Данғара, балки умуман дар микёси ҷумҳурӣ хеле муҳим мебошад.

Дар қисми шиносномаи кори унвонҷӯ Парвизи Ҳотам тавсифи умумии кор оварда шудааст: Мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва ғ., ки тибқи талаботӣ Комиссияи Олии Аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Мақсади кори диссертатсионӣ ин баҳодиҳии ба зарфияти агрозахираи ландшафтии заминҳои обёришавандаи водии Данғара бо истифода аз имкониятҳои системаҳои геоиттилоотӣ ГИС - технология, аз ҷумла баррасӣ намудани амалиёти бақайдгирӣ, тарҳрезӣ, муайянсозӣ, моделкунонӣ ва сохтани базаи маълумоти минтақаи таҳқиқотӣ ва пешгӯии тағйирёбии зарфият, коркарду пешниҳодҳо оид ба истифодабарии замин бахшида шудааст.

Вазифаҳои тадқиқот аз муайянсозӣ ва баҳодиҳӣ ба зарфиятҳои агроландшафтии заминҳои обии водии Данғара, ташхисӣ спектрии акси кайҳонии қитъаҳои таҳқиқот тариқи системаҳои геотехнологӣ (ГИС-технология) ва муайян намудани самтнокии нишебзаминҳо, ошкор намудани таъсири омилҳои антропогенӣ ба заминҳои кишоварзӣ, хусусан обӣ ва баҳодиҳии ҳолати воқеии онҳо, инчунин ба коркарди базаи маълумот ва харитаҳои рақамии агроландшафтии заминҳои обии водии Данғара бахшида шудааст, ки худи омӯзиши ин масъалаҳо навгонии илмӣ мебошад.

**Боби 1.** Ба таҳлили асосҳои назариявию амалиявии технологияи системаи геоинформатсионӣ (ГИС-технология) бахшида шудааст. Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки технологияҳои амалкунандаи системаи геоиттилоотӣ (ГИС-технология) мунтазам рӯ ба рушд ниҳода, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеа васеъ истифода мешаванд. Унвонҷӯ Парвизи Ҳотам ин мавзӯъро ба пурагӣ омӯхта ва дар натиҷаи таҳлили илмии маводҳо ва адабиёти зиёди олимони ҷаҳон, аз ҷумлаи: Осиёи Марказӣ, Россия ва ғайра ки ба асоси назариявию амалиявии технологияи системаи геоинформатсионӣ бахшида шудааст, омӯзиши васеъ гузаронидааст ва ба хулоса омадааст, ки истфодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ яъне, ГИС-технология барои баҳодиҳӣ ва мониторинги агроландшафти заминҳои кишоварзӣ аҳамияти муҳим дорад. Унвонҷӯ Парвизи Ҳотам дар асоси омӯхтани адабиётҳои ба мавзӯи диссертатсия таалуқ дошта ба хулосае омадааст, ки гузаронидани

таҳқиқот оид ба баҳодиҳӣ ба зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи системаи геоиттилоотӣ, ки афзалиятҳои асосии он ин таъсис додани базаи маълумот, харитасозии рақамии муҳит, моделкунонии маълумот, ҳисоббарориҳои математикию оморӣ баҳисоб меравад, мушкилоти актуалӣ буда, ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошад.

**Боби 2.** Оид ба баҳодиҳӣ ба зарфияти агроландшафти заминҳои обии водии Данғара бо истифодаи системаи геоиттилоотӣ (ГИС-технология) ва арзёбии он бахшида шудааст. Дар ин боб вобаста ба ҷойгиршавии табиию ҷуғрофӣ, релефӣ, шароити хок, вазъи мелиоративӣ, кишоварзӣ, эрозияи хок, фурӯ рафтани заминҳо ва ҳолати агроладшафти маҳалро баҳодиҳӣ намуда, зарфияти заминҳои обёришавандаи водии Данғараро муайян карда шудааст. Унвонҷӯ маълумоти зиёди геоиттилоотиеро, ки дар муддати солҳои таҳқиқоти 2016-2019 ба даст овардааст, таҳлилу моделсозӣ намуда маълумоти натиҷаи таҳқиқотро дар шакли базаи маълумоти дар замимаи диссертатсия овардааст.

**Боби 3.** Оид ба ҳисоббарории иқтисодии баҳодиҳӣ ба зарфияти заминҳои обии водии Данғара бахшида шудааст. Самаранокии иқтисодии баҳодиҳӣ ба зарфияти заминҳои обии водии Данғара бо роҳи муқоисакунии хароҷот оид ба гузаронидани корҳои таҳқиқотии саҳроӣ, камералӣ ҳангоми истифодаи усули анъанавӣ ва бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ ҳисоббарорӣ гузаронида шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ эродҳои зерин мушоҳида мешаванд:

1. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

2. Тарҷумаи руссии автореферат дар саҳифаҳои 9, 15 бо матни тоҷикии автореферат мувофиқат намекунад.

3. Маврид ба зикр аст, ки тавсияҳои нишондиҳандаҳои ҷадвалҳои 2.5.12 ва 2.5.13., ки обёрии худҷориро дар баландиҳои 475- 800

м ифода намудаанд, тавзеҳотро тақозо менамоянд, чунки дар ин минтақаҳо мавзеҳои алоҳида мавҷуданд, ки нишебиашон калон ва ба талаботи обёрии худҷорӣ ҷавобгӯ нестанд.

4. Дар бандҳои 2.9., 2.10., ки ба тавсифи умумии захираҳои соҳаи кишоварзии Данғара (масоҳати заминҳои кишоварзӣ, масоҳати кишти зироатҳо: полезӣ, сабзавот, пахтапарварӣ, ғалладона, боғпарварӣ ва ғайра) бахшида шудааст, сол аз сол (солҳои 2010-2019) коҳиш ёфта, он маълумоти оморӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ аст, ки дар диссертатсия маълумоти зиёдатӣ мебошанд.

5. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия боби алоҳида доир ба усули тадқиқотҳо ва шарҳи онҳо дарҷ мегардид.

6. Бояд қисми тавсияҳои овардашуда оид ба истифодаи амалии онҳо, дар асоси натиҷаҳои илмии гузаронидашудаи муаллиф ифода мегардид.

Эродҳои дар ин ҷо баррасишуда, на он қадар ҷиддӣ буда, ба мазмун ва муҳтавои кори илмии мазкур таъсири манфии худро намерасонад.

**Хулосаи умумӣ**

Унвонҷӯ Парвизи Ҳотам барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 60081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи замин сазовор мебошад.

Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 ноябри соли 2016, №505). Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ба пурраги шарҳ дода шудаанд.

Аз ин ҷост, ки аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи доктори фалсафа дар мавзӯи «Баҳодиҳии зарфиятҳои агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ – тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои техникӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад. Умуман мавзӯъ актуалӣ буда, дар он унвонҷӯ масъалаҳои муҳими соҳаи мелиоратсия ва ҳифзи заминро бо истифода аз технологияи системаи геоиттилотӣ (ГИС) роҳҳои таҳлил ва ҳали зарфияти агроландшафтии заминҳои обёрии водии Данғараро баҳодиҳӣ намудааст. Ҳамаи ин далелҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 60081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи замин мебошад.

Мудири шуъбаи технологияҳои инноватсионӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ–маърифатӣ ИМОГваЭ АМИТ, д.и.к., профессор ____________ Пулатов Яраш Эргашевич
Тел: 919 94 75 56
E-mail: tj _water@mail.ru

Имзои Пулатов Я.Э.-ро тасдиқ менамоям. Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории ИМОГваЭ АМИТ ____________ Холназарова З.

«4» феврали 2022